***Давлатшоев Изатулло*** *– номзади илмҳои педагогӣ, ходими калони илмии шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими ПРМ АТТ*

# ИСТИҚЛОЛИЯТ – ПОЯИ УСТУВОРИ ДАВЛАТ

***Баҳра аз хуршеди истиқлол мегирем мо,***
***Нури бахти хеш истиқбол мегирем мо.***

Истиқлолияти Ватани маҳбуб – Тоҷикистони азиз ҳар чанд, ки на чандон таърихи тулонӣ дошта бошад ҳам, вале он аллакай номбардори миллати соҳибтамаддун ва ориёӣ гардидааст. Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистолн, ки 9 сентябри 1991 ба даст оварда шудааст, ба сулҳи пойдору саодатовари тоҷикон, аз ҷумла, ба такомули беназири соҳаи маориф мусоидат намуд. Дар як муддати кӯтоҳ ба шарофати Сулҳу Ваҳдат дар соҳаҳои гуногуни истеҳсолоти ватанӣ тозакориҳои зиёде ба миён омаданд ва қабл аз ҳама, дар заминаи таҳияву қабули ҳуҷҷатҳои бунёдӣ низоми рушди сохторҳои қудратӣ ин тозакориҳо авҷу камол ёфтанд шароити муътадил муҳайё гардид; ҷомеа рӯ ба инкишоф овард ва аҳли кишвар хуб дарк намуданд, ки воқеан бунёди қувввaҳои мусаллахи мамлакат фаъолияти ҳамагониро тақозо дорад ва таъмингари асосии саодатмандии имрӯзу фардои ҷумҳурӣ маҳз ҳамин соҳаи тақдирсоз аст.

Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистолн, ки 9 сентябри 1991 ба даст оварда шудааст, ба сулҳи пойдору саодатовари тоҷикон, ба такомули беназири соҳаҳои мухталифи рушди кишвар мусоидат намуд. Дар як муддати кӯтоҳ ба шарофати Сулҳу Ваҳдат дар самтҳои гуногуни сохторҳои қудратӣ тозакориҳои зиёде ба миён омаданд ва қабл аз ҳама, дар заминаи таҳияву қабули ҳуҷҷатҳои бунёдӣ низоми рушди ҳифзи ҳуқуқ таъмин гардид. Дар баробари таъсиси Вазорату соҳторҳои идории мамлакат, ба мисли Вазорати маориф ва илми Чумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии мамлакат, Вазорати адлия , вазорати Фарҳанг, Вазорати корҳои хоричииТоҷиткистон, Кумитаи амнияти миллии кишвар ва дигар ҷузъу томҳои сохтору муассисаҳои таълимӣ илмӣ, ҳарбӣ ва фарҳагӣ инчунин Вазорати корҳои дохилӣ низ бо раҳнамоии пайвастаи Пешвои миллат, Президенти муаззами мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кадрҳо соҳибихтисос ташкил, такмил ва рушд бахшида шуд. Сафи милитсияи корҳои дохилӣ аз ҳисоби хатмкунандагони макотиби олию ҳарбии Ватанӣ ва мамолики хориҷӣ

Иттиҳоди давлатҳои мустақил таҳким ва устувор гардонида шуданд. Бояд иқрор шуд, ки солҳои аввал дар ташкили қувваҳои мусаллаҳи ҳарбӣ ва Вазорати корҳои дохилӣ ба мо Федератсияи Россия аз аввалингҳо шуда дасти кумак дароз намуда, барои рушди иқтидори мудофиавии мамлакат саҳми арзандаи хешро дареғ надошт. Холо дар муассисаҳои ҳарбии миёнаи махсус ва олии Федератсияи Россия беш аз 400 нафар мутахассисони тоҷик таълим мегиранд.

Дар бахши омӯзонидани мутахассисони ҳарбӣ ба мо Ҷумҳурии халқии Хитой(зиёда аз 40 нафар) ,Ҷумҳурии Ҳиндустон(зиёда аз 60 нфар), Британияи Кабир(ҳар сол 2–нафарӣ), Канада 18– нафарӣ), Ҷумҳурии Федералии Олмон(9 нафар), Фаронса 35 нафар ва Амрико(4 нафар) ба таври ройгон кумак мерасонанд. Бар замми иназҷониби ин мамлакатҳои хайрхоҳ дар донишкадаҳои ҳарбӣва итсейҳои ҳарбии онҳо синфҳои махсуси омӯзиши забонҳо ташкил ёфтаанд, ки тамоми харҷи таълим ва таъмиру таъмини синфхонаҳо бо асбоҳои хониш ва компютерҳо, пардохти маоши муаллимон ба зиммаи онҳост. Ин тадбирҳои наҷибонаи хориҷиёни бо мо дӯст албатта аз файзи Истиқлол ва ташабускориҳои пайгиронаи Пешвои миллат дар пойдору устувор гардонидани муносибатҳои байналминалӣ мебошанд.

Аз таъсиси Артиши миллии Тоҷикистон 22 сол пур мешавад, ки асоси қувваҳои мудофиавии мамлакатро ташкил мекунад.Баъди пош хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ кишварҳои навтаъсиси он дар заминаи биною иншооти амнияти ҳарбидошта қувваҳои муссалаҳи хешро бунёд намуданд. Ҳамзамон онҳо аз Артиши пурқудрати собиқ СССР техникаи мухталифи ҷангӣ ва яроқу аслиҳаи гуногунро мерос гирифтанд.Вале вазъи душвори ҳарбӣ–сиёсии он солҳои гузариш икон надод, ки Тоҷикистон аз мероси Артиши Иттиҳоди Шӯравӣ баҳравар гардад.Танҳо дар қаламрави малакати мо дивизияи 201–уми Россия амал мекарду вассалом. Мутаассифона он замон мунокишаҳои сиёсию иҷтимоӣ ба ҷанги шаҳрвандӣ табдил ёфтанд. Бинобар ин милликунонии қувваҳои мусалахи Россия ғайриикон гардида, лозим омад, ки мо қувваҳоҳарбии ҳифзи кишварро аз сифр оғоз намоем. Таҳкурсии моддӣ–техникӣ умуман вуҷуд надошт. Аз рӯзҳои аввали таъсиси Артиши миллӣ афсарони мо баробари сангарҳо фидокорона ҷангиданд ва ба танзими ташкилию муқаррар намудани штатҳои кории ҳарбӣ машғул шуданд. Норасоӣ ба кадрҳои ҳарбӣ ва мутахассисони касбӣ дар ҳама самтҳои фаъолият ҳис карда мешуд. Сарфи назар аз ин мушкилот ҳайати шахсии Кувваҳои мусаллаҳи мамлакат дар солҳои душвори муқовимат роҳи пурпечутоберо тай намуда, ба яке аз артишҳои касбии минтақа табдил ёфт.

Давраи дуюми рушди Артиши миллӣ иборат аз так5мили сохторӣ буда, бо таъсиси намудҳои асосӣ, ба монанди таъсиси қувваҳои хушкигард, қувваҳои ҳарбӣ– ҳавоӣ ва қушунҳои мудофиавии зитдди ҳавоӣ оғоз гардид. Дар ин давра инчунин ҷузъу томҳое, ки тавонанд мутобиқи тағирёбии воқеии ҳарбӣ–сиёсии минтақа амал намоянд, созмон дода шуданд.

Давраи сеюми сохтмони Кувваҳои мусаллаҳ пас аз ба имзо расидани Созишномаи истикрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон оғоз гардид. Дар ин давра вазифа ва таъиноти намудҳои амалкунандаи Кувваҳои амалкунандамусаллах аз нав баррасӣ карда шуданд. Бо шомил гардидани силоҳ ба дастони собиқ мухолифини тоҷик соҳтори ташкилию штатӣ тағир дода шуданд. Айни замон дар Кувваҳои мусаллаҳ гузаронидани ислоҳоти ҳарбӣ идома дорад. Намуди нави Кувваҳои мусаллаҳ қувваҳои зудамал бе афзоиши теъдоди умумӣ таъсис гардонида шуданд. Кувваҳои ҳарбӣю ҳвоӣ ва мудофиаи зидди ҳавоӣ муттаҳид карда шуданд.Чунин навгониҳо пеш аз ҳама ба болоравии омодагии ҷангии ҳайати шахсӣ ва таҳкими қробилияти онҳо баҳри тағирёбии вазъияти тактикии ҳарбӣ –сиёсӣ, яъне мутобиқ сохтани аксуламали фавриравона карда шуданд.

Соҳибистиқлол будани давлат, пеш аз ҳама, дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф гардидан ва дар харитаи ҷаҳонӣ мавқеи худро доштан, мустақилона ба роҳ мондани сиёсати дохилию хориҷӣ ва иқтисодию фарҳангии мамлакат мебошад. Моҳияти ин самти истиқлолият ва мақсади ниҳоии он баланд бардоштани шинохти давлати демократӣ дар арсаи ҷаҳонӣ буда, имконият фароҳам меорад, ки сокинони он соҳиб, нигаҳбон ва пешбарандаи давлатдории тоҷикон бошанд. Кобили қайд аст, ки аз рӯзҳои аввали ба сари ҳокимият ва майдони мубориза омадани марди шарифу хирадманд, Пешвои миллат, асосгузори сулҳу Ваҳдат Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, баробари муътадил гардонидани вазъи сиёсию иҷтимоӣ, иқтисодию фарҳангии кишвари ҷангзада, инчунин зери роҳбарииҷоннисоронаи эшондар самти ҷаҳонишавии фаъолияти берунии Тоҷикистон саҳми муноси гузошта, мамлакатро бочандин пешниҳодҳои муҳим ҷаҳонӣ муаррифӣ намуд. Пешвои миллат борҳо давраҳои гуногуни музокиротро бо мухолифини тоҷик дар кишварҳои хориҷ гузаронида, аз минбарҳои Созмони милали муттаҳид Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намудаю борҳо ҷони хешро ба каф гирифта, дар сафарҳои хоричию дохилӣ баҳри солимгардонии вазъи ҷомеа бо шиори “Ман ба халқи азизам сулҳ меаварам” тану ҷони хешро зери хатар гузошта, мардуми кишвари азизро аз вартаи ҳалокату парокандагӣ наҷот додааст.

Баробари соҳибистиқлолии худро эълон кардан ва шурӯъ намудан ба тайёр кардани лоиҳаи Конститутсия, инчунин кори тартиб додани рамзҳои нави давлатии Тоҷикистон зери роҳбарии оқилонаи марди шариф , Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оғоз гардид. Ҳамин тариқ Конститутсия (Сарқонун)–и Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 бори нахуст тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид, Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 июни соли 1991 «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қарор қабул кард. Ба зудӣ комиссияи махсус барои таҳияи Порчами давлатӣ ташкил карда шуд. Барои таҳия ва тасвири Порчам озмуни ҷумҳуриявӣ эълон гардид. Баъди ҷамъбасти озмун дар Иҷлосияи таърихии 16–уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Парчами давлатӣ тасдиқ гардид. 24 ноябри соли 1992 бо даровардани тағйирот ба Конститутсия Низомномаи Парчами давлатӣ низ тасдиқ гардид. Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз рукнҳои асосии муқаддасоти миллӣ ба шумор меравад. Бо дидани Парчам ифтихори ватандорӣ ва эҳсоси масъулияти ҳар як шаҳрванд дар назди Ватан боло мегирад. Минбаъд моҳият ва тартиби истифодаи расмии Парчамро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикисстон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12 майи соли 2007 муқаррар намуд.

Ҳамин тавр 28 июни соли 1991 Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” қарор қабул карда, барои таҳияи Парчами давлатӣ камиссияи махсус ташкил карда шуд. Дере нагузашта озмуни ҷуҳуривӣ бо таҳия ва тасвири Парчами миллии давлатӣ эълон карда шуд. Тибқи ҷамбасти озмун дар иҷлосияи таърихии 16–уми Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Парчами давлатӣ тасдиқ гардид, ки 24–ноябри 1992 бо даровардани тағийрот ба Конститутсия(Сарқонун) Низомномаи Парчами давлатӣ тасдиқ карда шуд. Бинобар ҳамин рӯзи 24–уми ноябр дар таърихи истиқлолияти Тоҷикистон ҳамасола минбаъд ҳамчун рӯзи Парчами миллӣ қайд карда мешавад. Бояд тазаккур дод, ки Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори дигар рамзҳои давлатӣ , ба мисли нишон ва суруди миллӣ яке аз рукнҳои муқаддасоти миллӣ ба шумор меравад, ки бо дидани он ифтихори ватандорӣ ва ҳисси худшиносии миллии ҳар як шаҳрванди соҳибдил ва меҳандӯст дар назди Ватани азизу файзбори хеш бо ифтихормандию сарбаландӣ ва худшиносию ҳисси баланди шаҳрвандӣ, садоқату вафодорӣ нисбати халқу кишвари маҳбуб боло мегирад. Ба ҳамагон маълум аст, ки дар тамоми кишварҳои олам Парчами давлатӣ чун рамзи содоқату эҳтиром ва вофодориву ҷонисорӣ баҳри Меҳани хеш эҳтиром гузошта мешавад. Аз 12–уми майи соли 2007 моҳият ва тартиби истифодаи расмии Парчами давлатиро Қонуни

Ҷумҳарии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар карда, зери ливои муҳташами Қасри миллат мардуми сарбаланди ориёинажод мутаҳид гардонида шуданд.нд. Қобили тазаккур аст, ки Парчами давлатӣ матои роскунҷаест, ки дар рӯи он се рахи рангаи ба таври уфуқии ҷойгирифта кашида шудааст: рахи боло ранги сурх дошта, паҳнои он ба рахи сабзи поён баробар мебошад, рахи сафеди мобайнӣ якуним баробари паҳнои ҳар яке аз раххои ранга аст. Дар рӯйи рахи сафед, дар мобайни Парчам бо зарҳал рамзи тоҷи тасвиршуда ва дар болои он ҳафт ситора дар шакли нимдоира тасвир шудааст. Ранги сурх—мубориза ва ҷоннисориҳои халқ баҳри озодӣ ва истиқлолият аст. Ранги сафед–бахту иқболи сафед, покизагӣ. Ранги сабз–сайъу кӯшиш ва заҳмату меҳнати сокинон баҳри сарсабзиву хуррам гардонидани Ватан.

Парчам ифтихори ватандорӣ ва эҳсоси масъулияти ҳар як шаҳрванд дар назди Ватан боло мегирад.

Ниёгони арҷманди мо ҳазорсолаҳо таҳти парчами хеш саф кашида, Ватану миллат, номусу озодӣ, забону фарҳанг ва марзу буми аҷдодиро ҳимоя кардаанд. Коваи оҳангар(аз «Ш*оҳнома»–и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ)*, ки пешдомани хешро байраки озодию мубориза бар зидди золимони даврони хеш баланд намуда буд, рамзи якдилию муттаҳидии халқи адолатхоҳи тоҷик гардид. Чунин мисолҳо дар таърихи ҳазорсолаҳои халқи зафарманди тоҷик басо фаровонанд. Рамзҳои давлатӣ, аз ҷумла Парчам дар давраҳои вазнини ҳаёти халқу милатҳо воситаи муассири инъикоси якпорчагӣ ва илҳомбахши муборизаҳои фидокоронаи фарзандони содиқу вафодори Ватан гардидаастааст. Кунун бо ифтихор метавон гуфт, ки Парчам пояи устувори давлат дар роҳи расидан ба ҳадафҳои хирадмандонаи сиёсиву иқтисодии Пешвои муаззами миллат баҳри некуаҳволии мардуми кишвари биҳиштосои тоҷикон гардидааст.

Ҷашни рӯзи парчам– эҳтиром ба рӯҳияи қаҳрамонони миллат, яъне ба онҳое, ки дар тӯли таърих барои ному нанг ва марзу буми халқи тоҷик ҷоннисориҳо намуда, забон, фарҳанг ва ҳаққи давлатдории ин миллати куҳанбунёдро то ба замони мо расонидаанд. Яъне ин эҳтиром ба рӯҳу равони Коваю Рустам, Шераку Деваштич, Шераку Спитамен, Муқаннаю Исмоили Сомонӣ, Темурмалику Восеъ ва ҳазорон дигар абармардони гузаштаи мост, ки аз қадимулайём то кунун ҳамчун Парчамбардорони музаффариятҳои халқу миллати соҳибтамаддуни тоҷик оламиёнро дар арсаи тарихи башар тасхир мекунанд.

Чи тавре ки асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардааст: ***Парчам таҷассуми рӯҳияи созандагии миллати мост, ки корнамоию***

***қаҳрамониҳои бемислу монанд ва ҷоннисориҳои фарзандони боору номуси Ватани аҷдодӣ рамзу раҳнамои садоқату вафодорист. Парчами миллӣ яке аз рамзҳои муҳими истиқлолияти кишвар ва давлатдории муосири мо, таҷассумгари асосҳои таърихӣ ва рамзҳои давлатдории гузаштаи тоҷикон, инчунин ифодакунандаи мақсаду маром ва орзую ормонҳои тамоми мардуми тоҷикон мебошад.***

Ҳоло дар доманаи Қасри боҳашамати миллат, ки дар пойтахти маҳбубамон – шаҳри Душанбе ҷойгир аст, Парчами Тоҷикистон қомат афрохтааст, ки яке аз қалонтарин ва баландтарин Парчамҳои мамолики ҷаҳон маҳсуб меёбад. Парчами миллии Тоҷикистон рамзи сулҳу амният, дӯстию рафоқати халқи тоҷик бо мардуми сайёраи мост, ки зери он дар фазои осоишу пойдории муносибатҳои ҳамкорӣ ва созандагию бунёдгузорӣ умр ба сар мебаранд.

Истиқлолият тамоми соҳаҳои кишварро ба зинаҳои баланд баровард ва ба манзалату мақоми шоиста дарёфтани он мусоидат кард. Ҳамин аст муҳимтарин ҳадафи рушду нумӯъи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, ки дар саҳифаҳои таърихи навин бо ҳарфҳои заррин навишта мешавад. Дастовардҳои соҳаҳоигуногуни кишвар ҷузъи таркибии комёбии ҷомеа мебошанд. Қобили қайд аст, ки солиёни истиқлолият рушди кишвар дар тамоми самтҳо бе ш аз беш амиқ гардид:

а) Низоми таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва ҳарбӣ рӯ ба техналогияи муосири инноватсионӣ ниҳод;

б) Муносибатҳои байналмилалии моълумоти миёна, олии касбӣ ва ҳарбӣ мастаҳкам гардиданд;

в) Рушди ислоҳоти соҳаи маориф,тандурусти ва ҳарбӣ дар тамоми ҷабҳаҳои хоҷагии халқ афзалиятнок шуморида шуданд;

г) Дар мамлакат низоми пураи техналогияи компютерии иттилоотӣ ҷорӣ карда шуд;

д) Бахши таҳия ва тадбиқи барномаҳои сармоягузорӣ ва грантҳо мавриди амал қарор дода шуданд;

ғ) Истикрори сулҳ ва вахдати миллӣ омили ҳалкунандаи некуаҳолии оммаи меҳнаткашон гардид.

Дар давоми 27 соли истиқлолият маорифчиёни кишвар душвориҳои зиёдеро паси сар карданд. Вале аз ҳама муҳим он аст, ки дар арсаи таърих Вахдати миллӣ парчами ягонагию муттаҳидии ҳалқу давлати тоҷикон гардид.

Дар сарзамини соҳибистиқлоли тоҷик ҷашни рӯзи Парчам− эҳтиром ба рӯҳияи қаҳрамонони миллат, ба онҳое, ки дар тӯли таърих барои ному нанг ва марзу буми халқи тоҷик ҷоннисориҳо намудаанд, бо нигоҳдории

забон, фарҳанг ва ҳаққи давлатдории ин миллати куҳанбунёд то ба замони мо расонидаанд, бо тамоми шукӯҳу шаҳомати хоса гузаронида мешавад.

Ҳарчанд ки пас аз сулҳу Ваҳдати миллӣ сарзамини тоҷикон ба мушкилоти бухронӣ дучор гардид, давраи соҳибистиқлолӣ ба дастовардҳои беназири он дар зери Парчами сулҳофарин , ки ба ним аср баробар гардид, ноил шуд:

– соҳаи ҳарбиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон самти асосии фаъолият қарор дод;

– асоси ташкилии сиёсати давлат будани барномаи рушд дар соҳаи ҳарбикунонӣ ба танзим даровард шуд ;

– дастраси умум будани таълими ҳарбии миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ ва мувофиқи қобилият дар асоси озмун гирифтани меъёрҳои минбаъдаи таҳсил омили ҳалкунандаи рушди маориф гардид;

– моҳияти башардӯстонаи мазмуни таҳсилот, бартарии арзишҳои миллию умумибашарӣ, рушди озодонаи шахс ба камолоти маънавию ахлоқии мактабиёну ҷавонон мусоидат намуданд;

– эҳтироми қонун, масъулият, ҳуқуқ ва озодии инсон, муҳаббат ба Ватан, оила ва мактаб дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбия фарзанд» самти дигаргунсозии ислоҳоти соҳаи маориф гардид;

– ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстонаи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ ҷоннок карда шуданд;

– ягонагии фазои маърифатию фарҳангӣ, ҳимоя ва рушди фарҳанги миллӣ, анъанаҳои миллӣ дар заминаи ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандӣ фароҳам оварда шуданд;

– ҷанбаи демократӣ ва давлатию ҷамъиятӣ доштани идораи соҳаи маориф муқаррар карда шуд;

– соҳибихтиёрии тамоми муассисаҳои таълимӣ дар фазои озоду мустақил ба ҳукми анъана даромад;

– тамоюли рушди системаи маориф, тандурустӣ ва ҳарбӣ бо назардошти стандартҳои байналмилалии сифати таълим ва меъёрҳои байналмилалии таъмини иттилоот рушду такомул ёфт;

– ташаккули асосҳои кафолати ҳуқуқии конститутсионии шаҳрвандон ба таҳсил фарохам оварда шуданд, ки таъмини кафолати ҳуқуқӣ барои фаъолият ва инкишофи озодонаи муассисаҳои таълимӣ ва ҳамоҳангсозии муносибатҳои онҳо бо дигар сохторҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат намуданд;

– муқаррар намудани салоҳият, ҳуқуқ, вазифа ва масъулияти мақомоти идораи давлатӣ, шахсони воқеӣ ва танзими ҳуқуқии масъалаҳои инкишофи

он ва муносибатҳои субъектҳои раванди таълиму тарбияи ҳарбӣ муқаррар гардиданд;

– кафолати таъминоти кӯдакону наврасони ятиму бепарастор аз ҷониби давлат дар муассисаҳои таълимӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ пас аз хатми муассисаҳои таҳсилоти умумии асосӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ ва бо ҷои кор таъмин намудани онҳо дода шуданд;

– интихоби озодонаи забони таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ бо роҳи ташкил намудани шумораи зарурии синфҳо, гурӯҳҳо ва фароҳам овардани шароит барои фаъолияти онҳо таъмин карда шуданд ;

– сохтори фаъолияти молиявӣ ва хоҷагии муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла, тартиби истифодаи объектҳои моликият, ки аз ҷониби муассис (муассисон) ба муассисаи таълимӣ вобаста карда шудаанд, манбаъҳои маблағгузорӣ ва таъминоти моддию техникӣ, тартиби ташаккули моликияти муассисаи таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, навъҳои фаъолияти соҳибкории муассис ва фаъолияти пулакии муассисаи таълимӣ ба самти ягона ва фазои ислоҳот ворид када шуданд;

– аз нигоҳи моддӣ ва молиявӣ дастгирӣ кардани муассисаҳои томактабӣ аз ҷониби давлат, таъмин ва дастрас будани хизматрасонӣ, тарбия ва таҳсилоти томактабӣ барои оилаҳои камбизоат танзим гардиданд;

– ташкил карда шудани таҳсил дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ бо тарзи рӯзона, шабона, фосилавӣ ва экстернат муқаррар карда шуданд;

– ташкил карда шудани тарбия ва таҳсили кӯдакони ятиму бепарастор дар мактабҳои таҳсилоти умумии анъанавӣ ё дар хонаи бачагон, мактаб – интернатҳо муайян карда шуданд;

– таъмини таҳсилоти махсус ҳамчун қисми таркибии низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тарбия, таҳсил ва офияти (реабилитатсияи) тиббию иҷтимоии кӯдакону наврасон, ки ба табобати тӯлонӣ эҳтиёҷ доранд ва гирифтори иллати ҷисмонӣ, рӯҳӣ мебошанд ва ё рафтори онҳо барои ҷамъият хавфнок ҳисобида мешавад, ба ҳукми қонун дохил карда шуданд ;

– музди маоши кормандони соҳаи маориф,ҳарбӣ ва тандурустӣ ҳамасола афзуда истодааст. Тайи ин солҳо садҳо мактабҳои замонавӣ сохта шуда, бисёр биноҳои нави таълимӣ қомат афрохтанд; садҳо иншоотҳои варзишӣ сохта ба истифода дода шуданд; аксарияти муассисаҳои таълимӣ босифат ва замонавӣ таъмир гардиданд. Истиқлолият барои мо тоҷикон, дастовард ва неъмати муқаддасу бузург аст ва аз ҳама арзишҳои дигари миллӣ муқаддамтар меистад, ки он баёнгари орзуву омоли дерини халқи

бостонгуҳари мост,– бо ифтихорва қаноатмандӣ изҳор намуданд Пешвои миллат дар яке аз Паёмхои хеш.

Ба қавли шоири халқии Тоҷикисто Муҳаммад Ғоиб:

***Чашмаи бахту саодат бошад Истиқлолият,***
***Сарвари ҳастии миллат бошад Истиқлолият!***

Ба ҳамин тариқ, Истиқлолият муттаҳид гардидани халқи соҳибзафари тоҷик дар роҳи бунёди ҷомеаи мустақили демократӣ қадамҳои бардаму пояи устувор гузоштани миллати соҳибтамаддуни тоҷик аст, ки моро ба қуллаҳои баланди музафариятҳои худшиносӣ ва худогоҳии милӣ раҳнамун месозад.

***Боз дар пеш аст моро имтиҳони бешумор,***
***Имтиҳони мулкдорӣ, имтиҳони нангу ор.***
***Ҳастии худро фидои Тоҷикистон мекунем,***
***То шавад сарсабзтар ин кишвари доимбаҳор.***